# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он” дар шароити муосир дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Хусусан дар шароити ҳозира, ки масъалаи банақшагирии гузаронидани озмоишҳои таълимӣ ва таҳлили натиҷаи онҳо ва пешниҳоди модели муттасилии раванди таълим дар зинаҳои таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва олии касбӣ камтар таваҷҷуҳ дода шудааст.

Таҳқиқоти мазкур ба яке аз масъалаҳои камомӯхташудаи таълим–методикаи таълими муттасил бахшида шудааст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат адабиётҳои илмӣ–методӣ, педагогӣ, равоншиносӣ, илмӣ–таълимӣ, ки ба мавзуи таълими муттасил марбут ҳастанд, таҳия шудаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти олимони дохилу хориҷи кишвар оиди ташкилу таълими муттасилӣ дар муасисаҳои таълимӣ як қатор масъалаҳои бо ҳам мухолифро дучор шудан мумкин аст. Вобаста ба ин, ба омӯзиш ва таҳлили таҳқиқоти олимоне, ки ба муттасилии таълим таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, бештар диққат дода шудааст.

Дар ҳалли ин масъала мавқеи муҳимро истифодаи босамари таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ ишғол мекунад. Андешаҳои таълими муттасил дар кори олимон К. Д., Ушинский, Я. А Коменский., А. Дистервег., И. Г. Песталотси инъикос ёфтаанд. Олимон доир ба ҳама паҳлӯҳои муттасилии таълим фикру андешаҳои худро баён намудаанд. Масалан, О. И. Донина, С. В. Козин, Т. С. Комарова, В. Я. Ликова, Л. А. Парамонова муҳим будани таълими муттасилро дар он меҳисобанд, ки ин гуна таълим дар ҳамкорӣ ва мувофиқакунонии дурнамоҳо, мақсадҳо, вазифаҳо, баррасии усулҳо, воситаҳо ва ташкили шакли таълим дар зинаҳои таҳсилот амалӣ карда мешаванд.

Довталаб ба масъалаи фарзияи таҳқиқот дахл карда, чунин пешниҳод менамояд:

1. Омӯзгорон метавонанд, донишҳои баланди иқтисодиро ба хонандагону донишҷӯён ба таври кифоягӣ таъмин намоянд, агар дар як раванд фаъолият намуда, тибқи барномаи таълими муттасилӣ фаъолият намоянд.

2. Ташкили таълими муттасил дар байни литсей ва донишгоҳи олии касбӣ яке аз тадбирҳое мебошад, ки муттахассисони оянда зина ба зина дар сатҳи зарурӣ барномаи таълимиро аз худ намуда, бо омодагии қаноатбахш ба зинаҳои минбаъда гузаранд.

3.Ташкили таълими муттасил ҳамкории доимии байни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсейҳо), миёнаи махсус ва муассисаи олии касбиро фароҳам меоварад.

4. Омодасозии касбии хонандагон бо ташкили ҳамкории байни литсей ва донишгоҳ имконият медиҳанд, ки сатҳи азхудкунии дониш ва таҷрибаи шогирдон баланд гардад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он” арзёбии натиҷаҳои кори илмӣ ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи муҳаққиқ як кори нави илмӣ буда, он дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба таҳким бахшидани таълими муттасил дар байни литсей ва донишгоҳ на танҳо ба баланд гардидани сифати таҳсилот дар зинаҳои гуногун замина мегузорад, балки барои дар сатҳи зарурӣ омодасозии муттахасисони оянда низ нақши созгор дошта метавонад.

Гулмаҳмадов Салоҳиддин, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Автореферат тибқи муқаррароти Дастурамал доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои зарурӣ ва асоснок бароварда шуда, он бо забони адабии тоҷикӣ фаҳмо, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, ба пуррагӣ риоя карда шудааст.

Инчунин дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, дар

автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Бояд иқрор шуд, ки камбудиҳои ироашуда ба арзиши илмиву амалии диссертатсия таъсири кам мерасонад.

Кори илмии Гулмаҳмадов Салоҳиддин мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шуда, кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса кори таҳқиқотии Гулмаҳмадов Салоҳиддин дар мавзуи “Таълими муттасили иқтисодӣ дар зинаҳои литсей -донишгоҳ ва моҳияту мундариҷаи он”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини сардори раёсати таҳсилоти томактабии
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ.Муҳиддинзода
18.03.2025

**Маълумот барои тамос:**
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13а; Телефон: 933.33.22.01; Почтаи электронӣ: kutbiddin-@mail.ru

«Имзои Қ.Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Саъдуллозода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСӢ